آواز تاجیک

# Овози тоҷик

Бани одам аъзои якдигаранд!

Рӯзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рӯзнома: «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (солҳои 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991).

30 июли соли 2022
Шанбе
№ 60 (14865)

сайт http://ovozitojik.uz/,
e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ПРЕЗИДЕНТИ ЎЗБЕКИСТОН ҶАНБАЪҲОИ МУҲИМТАРИНИ РУШДИ МИНБАЪДАИ СҲШ-РО НИШОН ДОД



**Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон Шавкат Мирзиёев 29 июл сарони ҳайати давлатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхайро, ки дар чорабиниҳои ҷамъомади Шўрои Вазирони корҳои хориҷии кишварҳои СҲШ дар пойтахтамон иштирок мекунанд, қабул кард.**

Дар вохўрӣ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон Субраманям Ҷайшанкар, муовини Сарвазир – вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон Мухтар Тлеубердӣ, узви Шўрои давлатӣ, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ван И, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон Жээнбек Кулубаев, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Исломии Покистон Билавал Бхутто Зардорӣ, вазири корҳои хориҷии Федератсияи Русия Сергей Лавров, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин, инчунин котиби генералии Созмон Чжан Мин ва директори Кумитаи иҷроияи Сохтори минтақавии зиддитеррористии СҲШ Руслан Мирзаев иштирок карданд.

Вазифаҳои афзалиятноки ҳамкории бисёрҷониба ва дурнамои рушди минбаъдаи СҲШ баррасӣ шуданд. Ба натиҷаҳои фаъолияти муштарак дар давраи гузаштаи раёсати Ўзбекистон дар иттиҳод ва рўзномаи пешистодаи ҳамоиш дар шаҳри Самарқанд моҳи сентябри соли ҷорӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд.

Инчунин оид ба масъалаҳои мубрами рўзномаи байналмилалӣ ва минтақавӣ табодули афкор сурат гирифт.

Сарвари давлатамон ба вазирони кишварҳои СҲШ муроҷиат намуда, таъкид кард, ки имрўз дар ҷаҳон дигаргуниҳои бунёдӣ, ки оқибатҳояшро пешгўӣ кардан душвор, пешакӣ гуфта нашаванда ҷараён дорад. Норасоии эътимод ва ҳамдигарфаҳмӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ бештар эҳсос мегардад.

Роҳбари Ўзбекистон вайроншавии занҷирҳои анъанавии кооператсионӣ ва логистикӣ, тезутунд шудани вазъият дар соҳаи бехатарии озуқаворӣ ва энергетикӣ, афзоиши босуръати нишондиҳандаҳои инфлятсия ва бад шудани вазъи иҷтимоиву иқтисодиро дар аксари кишварҳои ҷаҳон нишон дод.

Дар ин шароити душвор талабот ба ҳамоҳангсозии самарабахш ва ҳамкории наздики бисёрҷониба барои вокуниши муносиб ба даъватҳои замонавӣ ба амният ва рушди устувор афзоиш меёбад.

Баланд гардидани майлу рағбат ба СҲШ ва ба роҳ мондани ҳамкории амалӣ бо Созмон тасодуфӣ нест. Имрўз дархостҳои беш аз 10 кишвар барои иштирок дар кори он дар ин ё он мақом мавриди баррасӣ қарор доранд.

Президенти давлатамон таъкид намуд, ки СҲШ яке аз созмонҳои пурзўр бинобар иқтидори сиёсӣ, иқтисодӣ ва илмию интеллектуалӣ ба ҳисоб меравад. Ба кишварҳои Созмон тақрибан чоряки маҷмўи маҳсулоти ҷаҳонӣ ва нисфи аҳолии сайёра рост меояд.

Дар робита ба раисии Ўзбекистон дар СҲШ роҳбари кишварамон бо қаноатмандӣ баргузории беш аз 70 чорабинии муҳимро қайд намуд. Ҳамоҳангсозии 28 ҳуҷҷат, ки қабули онҳо бинобар натиҷаи ҳамоиши Самарқанд пешбинӣ шудааст, ба анҷом расид.

Дар байни онҳо консепсия ва барномаҳои ҳавасмандгардонии тиҷорати дохилиминтақавӣ, кооператсияи саноатӣ ва алоқаи наклиётӣ мавҷуданд. Лоиҳаҳои муштарак ва чорабиниҳо дар соҳаҳои иқтисодиёти «сабз», инноватсия, технологияҳои рақамӣ, логистика, кишоварзӣ, тиб ва дигарҳо дар арафаи коркард қарор доранд.

Сарвари давлатамон як қатор ҷанбаъҳои бунёдии рушди минбаъдаи СҲШ-ро нишон дод. Сухан дар бораи нигоҳ доштани мақоми ғайриблокии Созмон, пурзўр гардондани иқтидор оид ба муқовимат бо чолишҳо ва таҳдидҳои нав, нигоҳ доштани мақоми «мағзи ҷуғрофӣ»-и СҲШ барои Осиёи Марказӣ, пешбурди лоиҳаҳои пайвасти фаросарҳадӣ ва ҷалби фаъолонаи Афғонистон дар равандҳои иқтисодии минтақавӣ меравад.

Дар хотима пайравии Ўзбекистон ба таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дўстӣ ва некҳамсоягӣ, ҳамкории васеъмиқёс дар фазои СҲШ ба манфиати кишварҳову халқҳоямон таъкид гардид.

Меҳмонони олиқадр ба Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон барои пазироии самимӣ изҳори сипос намуда, аз номи роҳбарони кишварҳояшон саломи самимӣ ва таманноҳои беҳтарин расонданд.

**ЎзА.**

*Сурати Хидмати матбуоти Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон.*

## ПРЕЗИДЕНТ БО НАМОЯНДАГОНИ СОҲАИ IT МУЛОҚОТ НАМУД

***Президент Шавкат Мирзиёев 29 июл аз академияи IT «Astrum» дар ноҳияи Юқори Чирчиқ боздид ба амал овард, ки дар он ҷо бо мутахассисони соҳаи технологияи иттилоотӣ ва ҷавонон мулоқот намуд.***

Индустрияи IT яке аз соҳаҳои зудафзоянда дар ҷаҳон ба шумор меравад. Суръати афзоиши хидматрасонии IT соле 10 фоизро ташкил намуда, интизор меравад, ки дар соли ҷорӣ ҳаҷми он ба 4 триллиону 300 миллиард доллар мерасад.

Дар мамлакатамон кори доманфарох бобати ишғол намудани мавқеи мустаҳкам дар ин бозор сар шудааст. Дар панҷ соли охир ба соҳа 2 миллиард доллар равона гардид, ки аз он ҷумла 700 миллион доллар сармояи бевосита мебошад.

Бо ташаббуси роҳбари давлат дар тамоми минтақаҳо паркҳои IT кушода шуда, барои онҳо тартиби махсуси пардохти андоз ҷорӣ гаштааст. Ба туфайли он 14 ҳазор нафар ҷавонон бо кори баландмаош таъмин гардида буданд. Ғайр аз ин мутахассисоне, ки худро бо соҳаи IT банд намудаанд, аз аввали соли ҷорӣ 2,5 баробар афзуда, то 43 ҳазор нафар расид.

Муҳимтар аз ҳама, дар соҳаи IT ба мақоме расидан дар байни ҷавонон расм гардид. Дар мактаб, литсей, коллеҷ, техникум ва донишгоҳҳо лоиҳаи «Миллион барномасоз» татбиқ мегардад.

Фақат соли ҷорӣ дар мамлакат 134 ширкати нави IT, аз он ҷумла, 50 ширкатҳои хориҷӣ таъсис ёфта, миқдори корхонаҳои содиркунанда 2 баробар зиёд шуд. Инчунин ҳаҷм ва номгўйи хидматрасонӣ афзуд.

Омили муҳими он кори ҷорӣ дар бобати ба вуҷуд овардани объектҳои нав ва баланд бардоштани сифати инфрасохтори мавҷуд гардид. Аз он ҷумла, қимати интернети мобилӣ дар се соли охир 9 баробар коҳиш ёфт. Аз рўи ин нишондод мамлакатамон дар таснифи байналхалқӣ аз сатри 68 ба ҷои 15-ум баромад.

– Дар панҷ соли наздик мо нақша дорем, ки содироти хидмати ватанӣ дар соҳаи технологияи иттилоотӣ то 1 миллиард доллар зиёд карда шавад. Агар мо тарбияи ҷавононро дуруст ба роҳ монем, онро бо инфрасохтори босифат, компутер ва фармоишҳои кафолатнок таъмин кунем, мо ба ин мақсад ба осонӣ ноил мегардем, – гуфт Шавкат Мирзиёев.

Робҳари давлат таъкид кард, ки барои ин чор масъаларо бояд ҳал кард.

Аввал ин, ки фарогирӣ ва сифати дастрасиро ба интернет ба маротиб бояд беҳтар кард. Ҳоло дараҷаи фарогирии минтақаҳо бо интернети баландсуръат қариб 70 фоизро ташкил менамояд. Дар 118 деҳа на интернет ва на алоқаи мобилӣ вуҷуд дорад.

Дуюм. Муайян ва васеъ дастгирӣ намудани ҷавонони соҳибистеъдод дар соҳаи технологияи иттилоотӣ. Ҳоло барои оғози кори ҷавонон ҳамагӣ 10 миллиард сўм грант ҷудо шудааст. Кор оид ба таъминоти техникӣ ғайрикифоя аст.

Сеюм. Рақамисозиро дар тамоми соҳаҳо афзалият бояд бахшид. Дар ҳукумат, чандин вазорат ва ширкатҳо дар ин самт пешравии мусбат ба назар мерасад. Аммо дар Вазорати нақлиёт, Вазорати энергетика, Кумитаи ветеринария, ширкатҳои «Ўзбекистон темир йўллари» ва «Ўзагросуғурта» чораҳои андешидашуда ба қадри кофӣ нест.

Масъалаи муҳими чорум – ба ҷавонон дар минтақаҳо мадад расондан барои баромадан ба бозорҳои содиркунанда. Аз он ҷумла, ширкатҳои хориҷӣ ба барномасозони ҷавонамон ба миқдори 100 миллион доллар хидмат фармоиш додаанд. Аммо фармоиши корхонаҳои ватанӣ хеле кам аст.

Мулоқот дар рўҳи суҳбати ошкоро гузашт. Дар ибтидо дар бораи мушкилоти соҳа ва пешниҳодот доир ба ҳалли онҳо вазири рушди технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсия Шерзод Шерматов нақл намуд. Иштирокдорони мулоқот низ фикри худро баён намуданд.

Роҳбари давлат пешниҳоди мутахассисон ва ҷавононро дастгирӣ намуда, ба шахсони масъул таҳия намудани лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои мазкурро супориш дод.

– Ин масъалаҳо таҳкурсии мустаҳками рушди ҷорӣ ва ояндаи мо, фароҳам овардани ҷойи муносиби кор ба ҷавононамон мебошад, – гуфт Президент.

Дар академияи IT «Astrum», ки он ҷо мулоқот баргузор гардид, садҳо ҷавонон аз дониши замонавии барномасозӣ баҳраманд мегарданд ва бе фосилагирӣ аз таҳсил даромад ба даст меоранд. Президент изҳор кард, ки ташкил намудани чунин объектҳо дар дигар минтақаҳо низ зарур мебошад, ки чунин ташаббусҳо аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ меёбанд.

Аз тариқи видеоконфронс дар мулоқот ҳокимони минтақаҳо ва мутахассисон дар маҳалҳо иштирок намуданд.

**ЎзА.**

## ТАБРИКИ ИДОНА БА ХАЛҚИ ЎЗБЕКИСТОН

*Ҳамватанони муҳтарам!*

*Дўстони азиз!*

*Самимона, аз таҳти дил шумо, тамоми мардуми Ўзбекистонро бо Рўзи дўстии халқҳо, ки 30 июл ҷашн гирифта мешавад, табрик менамоям.*

*Воқеан дар мамлакат ҳифз намудани мусолиҳаи байнимиллӣ ва дўстӣ дар асоси шиори хуби* ***«Ўзбекистон – маъвои умумии мо»*** *беҳтарин ганҷ ва дастоварди халқи бисёрмиллати мо дар солҳои истиқлолият ба ҳисоб меравад.*

*Сулҳ ва мусолиҳае, дар ҷамъият ҳукмронӣ мекунад, чун асос ва омили муҳими тамоми муваффақиятҳои мо чӣ дар сиёсати хориҷӣ ва чӣ дохилӣ, чӣ дар соҳаи иқтисодӣ ва чӣ маданиву гуманитарӣ хидмат менамоянд.*

*Мардум мегўяд:* ***«Дар мамлакати осуда боғҳо низ месабзанд»****. Дар ҷое, ки сулҳ ҳаст, тараққиёт ҳаст. Дар ҷое, ки ҳамраъйӣ ҳукмрон бошад, ояндаи халқ низ фараҳнок мегардад.*

*Ҳоло ҳамаи мо гувоҳи он мегардем, ки дар марҳалаи имрўзаи ҷаҳонигардӣ чунин ситезаҳо мисли рақобати шадид, муноқишаҳои мусаллаҳ, мубориза барои тафаккур ва ақли одамон, пеш аз ҳама ҷавонон, терроризм, ифроткорӣ, ҷудоихоҳӣ, савдои одам хусусияти ҳарчи тезутунд касб менамоянд.*

*Бешубҳа таҳдидҳое, ки ба ваҷҳи буҳрони иқтисодӣ ва хусусан пандемия, ки ба чунин арзишҳои муқаддас, мисли эҳтироми ҳамдигар, дўстӣ, некӣ ва шафқат зоҳир гардида, хатар эҷод менамоянд, пурзўр мегардад, ҳамаи моро наметавонад нигарон насозад.*

*Мо хуб дарк менамоем, ки то чӣ андоза дар чунин замони мураккаб доим ҳушёр, боэътибор будан, суботро ҳамчун сарвати бебаҳо нигоҳ доштан, дар ҷамъият боз ҳам мустаҳкамтар намудани рўҳи хонаводаи бузург ва ягонаи бисёрмиллат мисли сармояи беназир муҳим аст.*

*Бовар дорам, ки Рўзи дўстии халқҳо, ки дар Ўзбекистони азиз бори дуюм ҷашн менамоем, анъанаи нек гардида, дар таъмини мусолиҳа дар байни мардумамон, ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамбастагӣ ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд.*

*Ҳамватанони муҳтарам!*

*Тавре ки маълум аст, ҳоло ҳозир дар сарзамини неъматбахшамон намояндагони беш аз 130 миллат ва халқият, 16 конфессияи динӣ паҳлўи ҳам зиндагӣ мекунанд, дар муассисаҳои таълимӣ таҳсил ба ҳафт забон – ўзбекӣ, қароқалпоқӣ, русӣ, тоҷикӣ, қазоқӣ, қирғизӣ ва туркманӣ ҷорӣ мебошад. Шоистаи қайд аст, ки давлат хонандагонро пурра бо китобҳои дарсӣ ва адабиёти бадеӣ ба забонҳои онҳо таъмин менамояд.*

*Дар ҷамъият таҳким ёфтани муҳити мусолиҳаи байнимиллӣ ва таҳаммули динӣ ба сифати мақсади афзалиятноки ислоҳоти куллӣ муайян карда шудааст, ки аз ҷониби Стратегияи рушди Ўзбекистони Нав пешбинӣ гардида, ба таъмини ҳимояи шараф ва қадр, ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои инсон нигаронда шудааст.*

*Дар тамоми минтақаҳо «Хонаҳои дўстӣ» ташкил гардида, фаъолияти онҳо аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ мегарданд. Ба ин мақсадҳо Фонди ҷамъиятии назди Олий Маҷлис маблағи ногузирро дар шакли субсид ва грант равон мекунад.*

*Пойгоҳи моддиву техникии марказҳои миллии маданӣ беҳтар гардида, давлат онҳоро аз ҳар ҷиҳат дастгирӣ менамояд.*

*Барқарорсозӣ ва мустаҳкам намудани риштаҳои қадимаи дўстӣ бо мамлакатҳои ҳамсоя дар Осиёи Марказӣ таҷассумгари ирода ва ормонҳои халқамон гардид.*

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

*Нуқтаи назари депутат*

## КАФОЛАТИ ҲУҚУҚҲОИ КЎДАКОН МУСТАҲКАМ МЕШАВАД

Дар мамлакати мо барои таълим гирифтани ҳар як кўдак шароити зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Махсусан, кўдакони маъюб ҳамеша дар таваҷҷуҳи давлату ҷомеа қарор доранд.

Ин беҳуда нест, албатта. Зеро, ҳар яки мо дар чеҳраи онҳо табассум ва дар чашмонашон шодиро дида, аз меҳру муҳаббати онҳо қувват мегирем, диламон саршор аз фахру ифтихор мегардад. Дар ҷое, ки меҳру муҳаббат ҳаст, дар он ҷо навсозӣ, болоравӣ ва пешравӣ сўи мақсадҳои наҷиб ба мушоҳида мерасад.

Аз ин лиҳоз, дар кишвари мо ҳифзи иҷтимоию иқтисодӣ ва маънавии кўдакон, бахусус тарбияи кўдакони ятим ва аз парастории падару модар маҳрумшуда, мувофиқи шавқу завқашон фароҳам овардани имкониятҳои ҳамаҷониба ба онҳо ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта шудааст.

Таҳти роҳбарии Президентамон дар панҷ-шаш соли наздик ислоҳоти беканор пай дар пай ба амал бароварда шуд. Инро дар мисоли фароҳам оварда шудани низоми комилан нави кумак ба кўдакони маъюб, ятим ва бепарастор пас аз хатми муассисаҳои таълимӣ низ дидан мумкин аст.

Бахусус, дастпарварони хонаҳои меҳрубонӣ аз ҷониби давлат дастгирӣ ёфта, ба бачаҳои ятими ба синни 18 расида, хонаҳои навсохт ройгон ҷудо карда шуда, барои ин аз буҷет маблағҳои зиёд ҷудо карда мешавад, ки ин бори дигар собит мекунад, ки ҳар як шаҳрванди Ўзбекистони Нав хусусан кўдакони ятиму бепарастори падару модар таҳти ҳимояи давлат мебошанд.

Аз ҷумла, 50 фоиз зиёд кардани стипендияи донишҷўёни лаёқатманди ятим ва ё аз парастории падару модар маҳрум, аз синни 18 то 23-солагӣ дароз карда шудани мўҳлати пардохти нафақа ба ин гуна донишҷўён ва ба онҳо ҳар сол як маротиба дода шудани субсид барои харидани адабиёти зарурӣ рўйдодест, пештар таърих мислашро надидааст.

Бесабаб, дар мамлакати мо ғамхорӣ кардан ба кўдакон, дастгирии доимии онҳо, хифзи ҳуқуқҳои онҳо ба дараҷаи сиёсати давлатӣ бардошта нашудааст. Зеро онҳо ҳамчун давомдиҳандагони ҳаёти мо, ворисони ояндаи мо гиромӣ дошта шуда, ганҷинаи бузурги мамлакатамон ба шумор мераванд.

Дар кишварамон оид ба ҳифзи ҳуқуқи кўдакон пойгоҳи дахлдори ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, аз ҷумла, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон, Кодекси оила, Кодекси шаҳрвандӣ, Кодекси меҳнат ва ҷиноят, инчунин як қатор ҳуҷҷатҳои дигари қонунгузорӣ меъёрҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқҳои кўдакон инъикос ёфтаанд.

Дар моддаи 64-уми Конститутсияи дар амал омадааст, ки «Падару модар вазифадоранд, ки фарзандони худро то ба балоғат расиданашон нигоҳубин ва тарбия кунанд. Давлат ва ҷамъият нигоҳубин, тарбия ва таълими бачаҳои ятим ва бепарасторро таъмин мекунад, фаъолияти хайрияеро, ки ба кўдакон бахшида шудаанд, ҳавасманд мегардонад».

Аммо соҳаи ҳуқуқи кўдак чунин низомест, ки агар бо мурури замон тағйироту иловаҳои нав ворид нашаванд, дар татбиқи ҳуқуқ мушкилот пеш меояд. Зеро имрўз дар аксари давлатҳои ҷаҳон низоъҳои гуногун шиддат гирифта, худи замон нишон медиҳад, ки масунияти маънавии фарзандонамонро таҳким бахшида, вақти холии онҳо пурмазмун гузаронда шавад.

Бешубҳа, боиси хушнудист, ки меъёрҳои нав дар ин хусус дар лоиҳаи Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Ўзбекистон» инъикос ёфтаанд, ки ҳоло мавриди баррасӣ қарор доранд.

**(Давомаш дар саҳ.2).** ⇨

30 июл – Рӯзи дӯстии халқҳо

# МАҚСАДҲОЯМОН МУШТАРАК

**_Аз қадим халқҳои ӯзбеку тоҷик, ки урфу одат ва анъанаҳои муштарак доранд, ҳамеша чун ҳамсояи наздик, дӯстона зиндагонӣ мекунанд. Онҳоро риштаҳои дӯстӣ ва хешутаборӣ ба ҳам мепайванданд. Ба ҳам пайвастани маънавиёт, адабиёт, мусиқа ва тарзи зиндагии ин ду миллат як падидаи беназири таърих аст. Дар душвортарин давраҳои таърихӣ ҳамдигарро дастгирӣ карданд, паҳлӯ ба паҳлӯ истоданд._**

– Маркази миллӣ-мадании тоҷикони вилоят аз соли 2007 фаъолият дорад. Вазифаи марказ аз он иборат аст, ки пеш аз ҳама дӯстии халқҳои нафақат ӯзбеку тоҷик, балки тамоми миллатҳоеро, ки дар ҳудуди вилоят зиндагӣ мекунанд, мустаҳкам намудан аст. Дар ин ҷода корҳои назаррасро ба роҳ монда истодаем. Дар ноҳияҳои Намангон, Чуст, Поп ва Косонсой зиёда аз 270 ҳазор нафар тоҷикон хушбахтона истиқомат мекунанд. Онҳо бо дигар миллатҳо дӯстии мустаҳками хешутаборӣ доранд ва якҷоя барои рушду ривоҷи мамлакати бисёрмиллатаамон ҳиссаи арзандаи худро мегузоранд. Аз тарафи ҳокимияти вилоят ба ҳар як марказ и миллӣ ба миқдори 50 миллион сӯм маблағ ҷудо карда шуд ва ин маблағро барои эҳтиёҷи марказ, ба чорабиниҳои маданӣ ва оилаҳои камбисот истифода мебарем, – мегӯяд раиси Маркази миллӣ-маданӣ тоҷикони вилояти Намангон Абдусаттор Ғафуров.

Соли гузашта бо ташаббуси Маркази миллӣ-маданӣ тоҷикони вилоят бахшида ба 110-солагии зодрӯзи Сотим Улуғзода, иди Наврӯз, 9 май – Рӯзи хотира ва қадр, Истиқлол, Конститутсия, инчунин, дар мавзӯъҳои "Ӯзбекистон – хонаи умумии мо", "Ӯзбекистон – оилаи сермиллат", "Бехатарии сарҳад – осоиши мамлакат" чорабиниҳо баргузор гардид.

Аз он ҷумла, намангониён ба рушди адабиёт ва санъати тоҷику ӯзбек ҳиссаи сазовори худро мегузоранд. Онҳо бо шоири ғазалсаро Чустӣ, шоири беҳамтои бачагонаи ҳар ду миллат Зафар Диёр, нависанда, академик Сотим Улуғзода, адибон Мутеъулло Наҷмиддинов, Муҳаммад Ҳакимзода, шоир Қаюмҷон Ҳамидӣ, очеркнавис ва публитсисти номдор Мансур Инъом ва артистони халқии Ӯзбекистон Мирзо Азизов, Ҳошим Арслонов ва Матлуба Дадабоеваҳо фахр мекунанд.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Намангон.**

*Ато МИРХОҶА*

## НОЗИ ТОҶИКУ ӮЗБЕК

***(Дар ҳошияи Муоҳидаи дӯстии ҷовидона байни ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Ӯзбекистон)***

*Баъд аз ин бувад ҳар сол*
*Соли тоҷику ӯзбек.*
*Сафҳа-сафҳа нек ояд*
*Фоли тоҷику ӯзбек.*
*Шуд ду боли мурғи бахт*
*Боли тоҷику ӯзбек.*
*Ҳоли боғи шодоб аст*
*Ҳоли тоҷику ӯзбек.*

*Баъд аз ин намояд гул*
*Кори тоҷику ӯзбек.*
*Тоза-тоза хушбахтист*
*Ёри тоҷику ӯзбек.*
*Чашми дӯстон бошад*
*Чори тоҷику ӯзбек.*
*Ҳосидонашон гарданд*
*Зори тоҷику ӯзбек.*

*Баъд аз ин чӣ ширин аст*
*Коми тоҷику ӯзбек.*
*Ҷовидона шуд гардон*
*Ҷоми тоҷику ӯзбек.*
*Баски як ҳаво дорад*
*Боми тоҷику ӯзбек,*
*Хона-хона як бошад*
*Номи тоҷику ӯзбек.*

*Баъд аз ин ба ҳам шуд ҷӯр*
*Сози тоҷику ӯзбек.*
*Майли сайди дилҳо кард*
*Бози тоҷику ӯзбек.*
*Дар забон намегунҷад*
*Рози тоҷику ӯзбек.*
*Дар ҷаҳон намегунҷад*
*Нози тоҷику ӯзбек!*

## Алоқаҳои фарҳангӣ инкишоф меёбад

**_Ба қарибӣ сафари кории сардори Раёсати маданияти вилоят ва директори филармонияи давлатии вилоят ба шаҳри Душанбе сурат гирифт._**

Дар давоми сафари чоррӯза нақшаҳои оянда баррасӣ гардиданд. Аз ҷумла, ҳангоми мулоқот дар муассисаи давлатии «Тоҷикфилм» роҳбари муассиса Маҳмадсаиди Шоҳиён меҳмононро бо дастовардҳои солҳои охири эҷодкорони синамои тоҷик шинос кард. Директори филармонияи Бухоро бо мақсади оммавӣ гардондани санъати мардумии Бухоро ва дурдонаи асили он – мавригӣ, пешниҳод намуд, ки дар ин бора филми мустанаде ба навор гиранд. Эҷодкорони кинои тоҷик ӯҳдадор шуданд, ки таҳти унвони «Мавригихонӣ» филми ҳуҷҷатие меофаранд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик» дар**
**вилояти Бухоро.**

# ТАБРИКИ ИДОНА БА ХАЛҚИ ӮЗБЕКИСТОН

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

*Имрӯз мо номи он ҳамватанонамонро аз қабили Нодира Ҷонибекова, Нургул Базарбоева, Қалдибек Сейданов, Фирӯза Халдарова, Гулдона Авездурдиева, Фирдоуси Гусейнов, Сергей Миронов, Зиновий Новитский, Умар Салманов, Галина Шин, Тамара Акилова, Минсилу Қулиева, Леким Иброҳимов, Вера Бабитская ва мисли онҳо бисёр дигарон бо ифтихор ба забон мегирем, ки ба хотири ҳифз ва мустаҳкам намудани рӯҳи ягонагии Ватан, дар ин асос тарбия намудани насли ҷавон босамар меҳнат мекунанд.*

*Ва соли ҷорӣ гурӯҳи ҳамватанонамон, ки бо меҳнати фидокорона ба рушди мамлакат ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум саҳми бузург мегузоранд, бо унвонҳои баланд, орден ва медалҳо мукофотонида шуданд.*

*Аз фурсат истифода намуда, шахсан аз номи худ ва аз номи тамоми халқамон онҳоро бо мукофотҳои олии Ватан табрик намуда, барояшон тансиҳатӣ, нерӯи бепоён ва фараҳмандии оилавиро таманно дорам.*

*Дӯстони азиз!*

*Дар ин рӯзи ҷашн ҳамаи шуморо чорабиниҳои шавқовар – намоишгоҳ, ҷашнвораҳои эҷодӣ, консерт, анҷуман, ҳамоишу мулоқотҳо бо дӯстон интизор аст. Бовар дорам, ки ҳамаи ин барои минбаъд мустаҳкам намудани дӯстӣ ва бародарии байнимиллӣ, ки дар тӯли садсолаҳо дар мамлакатамон ташаккул ёфтааст, барои муҳити эҳтироми ҳамдигар, сулҳ ва субот хидмат менамоянд.*

**_Ҳамаи мо Ватани ягона дорем. Мо – фарзандони Ӯзбекистони азиз. Мо ки намояндагони тамоми миллатҳо, ки дар ин сарзамини муқаддас зиндагӣ мекунем, гузашта ва имрӯзи ягона, сарнавишти ягона дорем._**

**_Моро мақсади бузурги ягона муттаҳид месозад. Ин – сулҳ дар мамлакат, шукуфоии Ватан ва фараҳмандии халқ._**

**_Ҳар як ҳамватани мо, ки ба хотири чунин мақсади нек зиндагӣ ва меҳнат мекунад, ҳатман метавонад орзуҳои худро ҷомаи амал пӯшонад. Давлат ва ҷамъияти мо барои ин тамоми қувва ва имконоти худро сафарбар менамояд._**

*Бори дигар самимона шуморо бо Рӯзи дӯстии халқҳо табрик менамоям. Барои шумо ва хонаводаҳоятон тансиҳатӣ, сулҳ, осудагӣ ва фараҳмандиро таманно дорам.*

***Шавкат МИРЗИЁЕВ,***
***Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон***

# КАФОЛАТИ ҲУҚУҚҲОИ КӮДАКОН МУСТАҲКАМ МЕШАВАД

**(Аввалаш дар саҳ.1).**

Аз ҷумла, дар моддаи 64-уми лоиҳаи қонун мустаҳкам карда шудааст, ки падару модар ва шахсони онҳоро ивазкунанда бояд фарзандони худро то ба синни балоғат расидани онҳо дастгирӣ кунанд, барои тарбия, таҳсил, саломатӣ, рушди ҳамаҷониба ва камолоти онҳо ғамхорӣ кунанд, давлат ва ҷамъият нигоҳубин, ҳамаҷониба солиму баркамол ва соҳибмаълумот шуда ба воя расидани бачаҳои ятиму бепарасторро таъмин мекунад, дар ин самт фаъолияти хайриявиро рағбатнок месозад.

Ин маънои онро дорад, ки давлат кӯдаконро ҳамеша дастгирӣ намуда, ҳуқуқи кӯдакони бепарастор, ятимро ҳифз намуда, барои таҳсил, нигаҳдории тандурустӣ ва ба зиндагӣ мутобиқ шудани онҳо шароити ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Агар барои таҳсил, соҳиби касбу ҳунар ва амалӣ гардидани орзую умеди кӯдакон шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад, дар онҳо майлу хоҳиши пеш рафтан пайдо мешавад.

Хулоса, имрӯз дар мамлакати мо низоми ҳифзи иҷтимоии кӯдакон беш аз пеш такмил меёбад. Бешубҳа тағйироту иловаҳое, ки ба Конститутсияи мо ворид карда мешаванд, барои ба воя расидани фарзандони аз ҳар ҷиҳат солиму озодандеш мусоидат мекунанд.

**Қаҳрамон ЭРГАШЕВ,**
**депутати Палатаи қонунгузории**
**Олий Маҷлис.**

# КОМИССАРИ ОЛИИ САҲА АЗ ФАРҒОНА БОЗДИД КАРД

**_Ба муносибати «Рӯзи дӯстии халқҳо» Комиссари олии ақаллиятҳои миллии Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо Қайрат Абдураҳмонов, раиси Кумитаи равобити байналмилалӣ ва дӯстӣ бо кишварҳои хориҷии назди Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон Рустам Қурбонов ба вилояти Фарғона ташриф оварданд. Онҳо бо фаъолияти марказҳои миллӣ-фарҳангӣ, воқеъ дар хонаи «Дӯстӣ» ошно шуданд._**



Онҳоро муовинони ҳокими вилоят Ҷамшед Ҳотамов ва Хуршед Аҳмедов ҳамроҳӣ карданд. Меҳмонон аз шароите, ки барои марказҳои миллӣ-фарҳангии ақвоми гуногун, мисли яҳудӣ, тотор, қирғиз, корейс, тоҷик, немис, турк фароҳам оварда шудааст, ибрози хушҳолӣ карданд. Иҷрои суруду таронаҳои миллатҳои гуногун, анъана ва арзишҳои миллӣ дар онҳо таассуроти зиёд бахшид. Бори дигар собит гардид, ки дар вилояти Фарғона, ки дар он қариб 4 миллион нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ҳудуди 400 ҳазор нафари онҳо намояндагони қавму миллат ва халқиятҳои гуногун буда, бо ҳам дар фазои амну субот зиндагӣ мекунанд.

Зикр гардид, ки бо ташаббуси Сарвари давлатамон ба марказҳои миллӣ-фарҳангӣ ва дастгирии моддию маънавии онҳо таваҷҷуҳи хос зоҳир карда мешавад. Ба меҳмонон дар бораи корҳое, ки дар самти таҳкими заминаи моддию техникии марказҳо дар вилояти Фарғона анҷом дода мешаванд, маълумоти муфассал дода шуд.

Қайрат Абдураҳмонов гуфт, ки бори аввал ба ин минтақа сафар кардааст. Ва аз дидани шароит барои намояндагони миллатҳои гуногун хеле табъаш болида шуд. Гузашта аз ин, корҳои таъмиру муҷаҳҳазкунии бинои нав барои марказҳои миллӣ-фарҳангии вилоят дар ҳоле ба анҷом мерасад, ки кишварҳои зиёди ҷаҳон ба мушкилоти иқтисодӣ мувоҷеҳанд.

Гуфта шуд, ки бо ташаббуси ҳокими вилоят корҳои бозсозии собиқ қасри фарҳанги «Нефтчӣ» бо суръат пеш меравад. Ин иншоот дар ояндаи наздик ба ихтиёри марказҳои миллӣ-фарҳангӣ супурда хоҳад шуд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори**
**"Овози тоҷик".**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# МИСЛИ ДУ ШОХИ ЯК ДАРАХТ, ДУ ШОХАИ ЯК ДАРЁ...

*Аз азал ёру бародар*
*ӯзбекам бо тоҷик аст,*
*Аз ғазал як байти дилбар*
*ӯзбекам бо тоҷик аст.*
*Бо чӣ бинмоям қиёс ин вожаи*
*ширини дӯст,*
*Чун асал, чун шаҳду шаккар*
*ӯзбекам бо тоҷик аст.*
*То бувад Ҷомӣ Навоӣ низ*
*бошад комгор,*
*Ҳамамал, ҳамбору ҳамбар*
*ӯзбекам бо тоҷик аст.*

Дар ин мисраъҳои Абдулло Орипов дӯстии абадии ду халқи бародар бо маҳорати баланд васф шудааст.

Воқеан, решаҳои дӯстии ду халқи бародар — ӯзбеку тоҷик аз умқи таърих сарчашма гирифта, ба ҳазорсолаҳо мерасад. Солҳои охир дар муносибатҳои дӯстонаи байни ин ду халқ, ки «аз азал ёру бародар» гардида, хешу табор ва қудову анда шудаанд, ба таъбири шоир, ба мисли «як байти ғазал» «чун асал, чун шаҳду шаккар» зистаанд, саҳифаи нав боз гардид.

Бо шарофати сиёсати дурандешонаи президентҳо Шавкат Мирзиёев ва Эмомалӣ Раҳмон робитаҳо мустаҳкам шуда, ҳамкориҳои дуҷониба густариш ёфтанд.

Боиси эътироф аст, ки дар доираи сафари расмии Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ӯзбекистон 2-3 июни соли 2022 сарони давлатҳо ба Эъломия оид ба мустаҳкамсозии дӯстии абадӣ ва ҳампаймонӣ байни Ӯзбекистон ва Тоҷикистон имзо гузоштанд.

Бо талошҳои муштарак рафтуомади озоди молу хизматрасонӣ таъмин гардида, шаҳрвандон имкони озоди рафту омад бо якдигар доранд. Дар ҳоли ҳозир то 20 ҳазор нафар сокинони ду кишвар ҳамарӯза бо мақсади ҳамкории тиҷоратию гардишгарӣ ва дидани хешу табору дӯстон аз сарҳади миёни кишварҳо озодона мегузаранд, ки ин яке аз комёбиҳои асосии ҳамкории ҳукуматҳо дар солҳои охир мебошад.

Мо самарабахшии муносибатҳои дӯстонаро дар тамоми соҳаҳо, бахусус, дар соҳаи таълим мушоҳида карданамон мумкин аст.

Аз ҷумла, соли ҷорӣ дар як қатор муассисаҳои таълими олии кишвар гурӯҳҳои тоҷикӣ кушода шуда, дар соли таҳсили 2022-2023 ба зинаи бакалаври ин гурӯҳҳо қабули 408 нафар донишҷӯ, аз ин 109 нафар бо гранти давлатӣ ва 299 нафар дар асоси шартнома дар назар аст.

Инчунин, дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Донишкадаи давлатии педагогии Чирчиқи вилояти Тошканд ва Донишкадаи давлатии тадбиркорӣ ва педагогии Деҳнави вилояти Сурхондарё гурӯҳҳои тоҷикии таҳсилоти ғоибона ва шабона кушода шуда, ҳуҷҷатҳои довталабон қабул гардид.

Дар мисоли Донишгоҳи давлатии Самарқанд гирем, соли ҷорӣ ба шуъбаи ғоибонаи гурӯҳи тоҷикии филология ва бозомӯзии забонҳои донишгоҳ 25 нафар ва ба шуъбаи шабонаи таълим ҳам 25 нафар донишҷӯ қабул карда мешавад.

Инчунин, фаъолияти марказҳои фарҳангӣ густариш ёфта, бобати мустаҳкам кардани пойгоҳи моддиву техникӣ, беҳсозии шароити корӣ ва рағбатноксозии моддии онҳо чораҳои муҳим андешида мешаванд.

Масалан, дар мисоли Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷик ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд гирем, дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ таҳти ташаббуси марказ дар ҳамкорӣ бо Донишгоҳи давлатии Самарқанд, таҳририяти рӯзномаи «Овози Самарқанд», Ширкати садо ва симои Самарқанд ва корхонаву ташкилотҳо, маҳаллаҳо як қатор тадбирҳои фарҳангӣ, аз ҷумла вохӯриҳои эҷодӣ, тақдимоти китобҳо, озмуну аксияҳо гузаронида шуд.

Моҳи апрели соли ҷорӣ дар ҳамкорӣ бо Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷикони ҷумҳурӣ 144-солагии зодрӯзи бунёдгузори адабиёти навини тоҷик Садриддин Айниро дар Хона-музейи ба номи устод васеъ ҷашн гирифтем.

20-уми май дар мактаби мусиқӣ ва санъати бачагонаи рақами 22-и шаҳри Самарқанд ба муносибати зодрӯзи ду шоири барҷастаи тоҷик – Мӯъмин Қаноат ва Лоиқ Шералӣ ҷашни бошукӯҳ баргузор гардид.

Дар охири моҳи май дар китобхонаи бачагонаи шаҳри Самарқанд тақдимоти китобҳои «Зи ишқи Ватан ҷӯш дорад дилам»-и Ҳабиб Юсуфӣ ва «Сабақҳои падарам»-и Баҳодур Убайдуллоҳро гузарондем, ки дар он шоиру нависандагон, донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Самарқанд, инчунин, донишомӯзони мактабҳо иштирок намуданд.

Президент Шавкат Мирзиёев оид ба муносибатҳои дӯстии ҳар ду миллат чунин гуфта буд: «Халқҳои ӯзбеку тоҷик мисли ду шохи як дарахт, ду шохаи як дарё ба ҳам наздиканд. Дин, замин, оби мо яктост. Дар рӯзҳои неку бад мо якҷояем. Тақдири ягона моро ба ҳам наздик кард. Анъанаҳои аҷдодиро идома бахшида, дӯстии байни халқҳоямонро бояд мустаҳкам ва ҳифз намоем».

Дар пеш моро боз як воқеаи муҳим интизор аст. Моҳи октябри соли ҷорӣ Ӯзбекистону Тоҷикистон 30-юмин солгарди равобити дипломатиро ҷашн хоҳанд гирифт.

Муҳим аст, ки мо дар соли бароямон ҷашнӣ ба қадри ин дӯстӣ бирасем ва дар ин замони мураккаб бобати мустаҳкамтар кардани ҳамкориҳо саҳм гузорем. Чунки муносибатҳои дӯстона барои дӯстиву рафоқати байни кишварҳо ва бомуваффақият давом додани роҳи манфиатноки тараққиёти мамлакатҳо мусоидат мекунад.

**Акбар МАҲМУДОВ,**
**раиси Маркази миллӣ-фарҳангии тоҷик ва тоҷикзабонони вилояти Самарқанд.**

# БАРТАРАФ СОХТАНИ МУАММОИ ЭКОЛОГӢ

**_Баланд бардоштани маданияти экологӣ имрӯзҳо яке аз масъалаҳои умда ба шумор меравад. Маданияти экологӣ ин риояи қонунияти табиат, ба он зарар нарасондан ва ҳамзамон ҳисса гузоштан ба ҳифзи табиат мебошад. Дар натиҷаи ба неъматҳои ноёби табиат бераҳмона муносибат кардан ва аз сарватҳои табиӣ сарфакоронаву оқилона истифода набурдани одамон дар ин ҷабҳа муаммоҳои экологӣ ба миён омадааст._**

Бинобар ин, аз ҳар яки мо талаб карда мешавад, ки ҳавои софу мусаффо, оби тоза, замину осмонро чун гавҳараки чашм ҳифз кунем.

Дар Маркази матбуоти миллии Гулистон бо ташаббуси Кумитаи давлатии ҳифзи муҳит ва экологияи вилояти Сирдарё доир ба мавзӯи «Баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ» нишасти матбуотӣ баргузор шуд.

Раиси Иттиҳоди эҷодии журналистони вилояти Сирдарё Б. Абдуллоев таъкид намуд, ки таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи муҳити атроф аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ҳар як нафар барои тозаву озода нигоҳ доштани муҳит ва экология бояд саҳми худро гузорад. Ҳаёти имрӯза тақозо менамояд, ки инсон на танҳо дар хонаву ҷойи зист, балки дар ҳар гӯшаву канори Замин ба қоидаҳои экологӣ риоя намуда, об, ҳаво, хок, ҷангалу бешаро бояд тоза нигоҳ дорад.

Роҳбари Кумитаи экология ва ҳифзи муҳити атрофи вилоят Рустам Эргашев дар баромади худ нақши ҷавононро дар бартараф сохтани муаммоҳои экологӣ хотиррасон кард. Бо зиёдшавии аҳолӣ дараҷаи истеъмол низ зиёд мегардад. Аз ин боис, ба ҷойи махсус партофтани партов ва дуруст истифода бурдан аз технологияи замонавии азнавкоркарди партови маишӣ талаб карда мешавад.

Дар мамлакати мо барои таъмини бехатарии экологӣ, ҳифзи муҳити атроф, баланд бардоштани маданияти экологии аҳолӣ, аз захираҳои табиӣ оқилона истифода бурдани онҳо корҳои назаррас ба роҳ гузошта мешавад, ки ин ба саломатии инсон ва безараргардонии ҳаёти ҷонварон аҳамияти калон дорад.

Роҳбарияти Кумитаи экология ва ҳифзи муҳити атрофи вилоят таъкид намуд, ки дар соҳаи азнавкоркарди партови маишӣ дар ноҳияҳо кластерҳои саракунӣ ва азнавкоркарди партови маишӣ созмон дода шудааст. Чорабиниҳои назоратии экологӣ яке аз омилҳоест, ки барои барқарор кардани муҳити тозаи экологӣ, истифодаи оқилона аз захираҳои табиӣ мусоидат мекунад. Оиди самти асосии устувори фаъолияти кумита – ташкил кардани низоми идоракунии маҷмӯии партови маишӣ, дар корхона вобаста ба партов такмил додани идоракунии давлатӣ ва назорати экологӣ эътибори алоҳида дода шуд. Мутаассифона айни ҳол бисёр моддаҳои ифлоскунандаи ҳаво ба назар мерасанд, ки ҳам барои саломатии одамон, ҳам барои олами ҳайвонот ва растанӣ таъсири манфӣ расонда, боиси вайрон шудани мувозинати экологӣ мегарданд.

**Далер АЗИЗОВ,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти СИРДАРЁ.*

## ХАБАРҲО

### ДАР РОҲИ ТАТБИҚИ АДОЛАТИ СУД

**Аз ҷониби Суди шаҳри Тошканд ва Суди маъмурии шаҳри Тошканд таҳти мавзӯи "Корҳое, ки оиди ба амал баровардани адолати судӣ ба иҷро мерасанд" брифинг баргузор гардид. Дар чорабинӣ, ки бо иштироки ходимони соҳа рӯи кор омад, аз хусуси вазифаҳои муҳиму долузарбе, ки тӯли шаш моҳи соли равон вобаста ба амалиёти суд ба иҷро расонда шудаанд, сухан рафт.**

Маълум гашт дар давоми нимсолаи аввали соли равон доварон назар ба ҳарвақта серкортар шудаанд ва ба ҳар судя лозим омад тӯли як моҳ ба ҳисоби миёна 20 парвандаро варақ занад. Ҷамъи корҳое, ки дида баромада шудаанд, 1957-торо ташкил намуд,ки ин назар ба ҳамин давраи соли гузашта 23,1 фоиз зиёд аст. Роҳбарони идораву ташкилотҳое ҳам, ки дар ин миён ба интизоми меҳнат риоя насохта, корашон ба суд кашида шудааст, 28,8 фоиз афзудаанд.

Оиди корҳои шаҳрвандӣ ҷонишини раиси Суди шаҳри Тошканд ҳисобот дод. Бобати масъалаҳое низ гуфтугӯ ба миён омад, ки ба иҷрои корҳои иқтисодию ҷиноии суд вобастаанд.

### ИШТИРОКДОРИ МУЛОҚОТИ КУШОД – СОҲИБКОРОН

**Яке аз муҳимтарин самтҳои устувори сиёсати давлатӣ – баланд бардоштани қадри инсон, таъмини ҳуқуқ ва ҳифзи ҳарҷонибаи манфиати аҳолӣ, ғамхорӣ дар ҳаққи соҳибкорон мебошад, гуфта шуд дар қабули сайёре, ки аз ҷониби ҳокимият ва додситонии ноҳияи Мирзои Улуғбеки пойтахт ташкил гардид.**

Дар чорабинӣ асосан соҳибкорон иштирок намуданд. Таклиф, мулоҳиза, аризаву дархостҳои онҳоро ҳоким ва прокурор бо диққат шуниданд. Аксарияти мушкилот дар ҷои худ ҳал гардид. Қисме аз муроҷиатҳо ба идораҳои чорасоз фиристода ва назорати иҷроро ҳокиму прокурор ба зимма гирифтанд. Маълум гашт соҳибкоронро асосан мушкилоте ранҷ медиҳад,ки ба масъалаҳои кредит, хидмати коммуналӣ, таъмири роҳ, ҷудо кардани замин мутааллиқанд. Дар пардохти андоз низ нофаҳмию муаммоҳо мавҷуд.

Оиди пешгирии ҳолоти дахолатҳои ғайриқонунӣ ба соҳибкорӣ низ фикрҳо баён шуданд.

### НАМОИШ ДАР "КИМЁСАНОАТ"

**Бо ташаббуси Вазорати рушди инноватсионӣ дар ҶС "Ӯзкимёсаноат" намоиши маҳсулоти инноватсионии корхонаҳои сохтор рӯи кор омад. Намунаи маводҳое ба маъраз гузошта шуданд, ки тӯли панҷ соли охир истеҳсол ва самараи татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошанд.**

Аз рӯи фаъолияти як қатор корхонаҳои пешқадам, ки маҳсулоташон ба талаботи рӯз ҷавобгӯст, тақдимот ба амал омаданд. Хусусан, қисмҳои ҷудогонаи автомобилҳои боркашу сабукрав, аз ҷумла, чархҳо, ки ба гармию сардӣ мутобиқанд, асбобҳое, ки барои тозасозиву полоиши нӯшокиҳо истифода мешаванд, эътибори иштирокдоронро ба худ кашид. Маводҳое ҳамчунон мавриди таваҷҷуҳ қарор гирифтанд, ки энергияи барқро сарфа мекунанд.

**М. ШОДИЕВ,**
**мухбири "Овози тоҷик".**

**Соли ҷорӣ дар вилояти Намангон ба 63406 гектар замин тухми пахта кошта шуд. Деҳқонон аз ҳар гектар замин 40 сентнерӣ, ҳамагӣ 253624 тонна пахта гирифтанро мақсад кардаанд. Ҳоло ба мақсади бунёд кардани ҳосили фаровон деҳқонон чорабиниҳои агротехникиро ба амал татбиқ карда истодаанд.**

# ҲОСИЛДОРӢ ЗИЁД МЕШАВАД

Ҳолати мелиоративии беш аз 23 ҳазор гектар заминҳои корами ноҳияҳои Мингбулоқ, Поп ва Тӯрақӯрғон беҳтар гардонда шуд. Деҳқонон талаб ва таклифҳои хоҷагиҳои фермерӣ ва корхонаи кластерро ба ҳисоб гирифта, “Андиҷон-35”, “Наманган-34”, “С-6524”, “С-82-95” ва дигар навъҳои чигитро кошта, парвариш карда истодаанд.

Дар вилоят аз 15 июл то 15 август бо мақсади баланд бардоштани сифат ва самараи корҳои хоҷагӣ “Моҳонаи пешқадам” эълон карда шудааст. Дар ҳамаи ҷойҳо чорабиниҳои агротехникиро ба роҳ монда, деҳқонон аз тахти дил кор карда истодаанд. Дар се соли охир аз тарафи корхонаҳои кластерӣ 40-то мошини пахтачинии замонавӣ ба механизаторон дода шуд.

54 фоиз замини корами хоҷагиҳо бо ёрии насос обёрӣ карда мешавад. Барои ҳамин ба технологияҳо эътибори дучанд дода истодаанд.

**Шоҳида ДАМИНОВА.**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# ҶАШНВОРАИ СӮЗАНӢ ВА КАШИДАДӮЗӢ ДАР НУРАТО

**Дар маҷмӯи таърихию меъмории «Чашма»-и ноҳияи Нурато аз ҷониби ҳокимиятҳои вилояти Навоӣ ва ноҳияи Нурато, раёсатҳои сайёҳӣ ва мероси фарҳангӣ, иттиҳодияи «Ҳунарманд» ҷашнвораи ҳунарҳои миллии «Сӯзанӣ ва кашидадӯзӣ», ки арзишҳои моро таҷассум мекунанд, баргузор гардид.**



Мувофиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 30 апрели соли 2022 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба диверсификатсияи хидматрасониҳои дохилии сайёҳӣ», дар ҷашнворае, ки дар доираи барномаи «Дар саросари Ӯзбекистон саёҳат кунед!» баргузор шуд, қариб 200 нафар намояндагони ҳунарҳои мардумӣ ширкат доштанд. Қолинҳои дастибофт ва дигар ҷиҳозҳои ҳунармандӣ, осори санъати тасвирӣ ба намоиш гузошта шуданд.



– Яке аз ҳунармандиҳои миллӣ, ки таҷассумгари таъриху фарҳанги чандинасраи мост, маҳз кашидадӯзии Нурато ба ҳисоб меравад, – мегӯяд муовини аввали сардори сарраёсати сайёҳӣ ва мероси фарҳангии вилоят Дилшод Хоҷаев. – Ин аст, ки дар ноҳияи Нурато ҳамасола бо мақсади ҳифз ва қадр кардани мероси ниёгон фестивали «Сӯзанӣ ва кашидадӯзӣ» баргузор мегардад. Дар доираи ҷашнвора, ки бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани иқтидори сайёҳӣ, ташкили истироҳати пурмазмуни сайёҳон ва сокинони маҳаллӣ дар мавсими сайёҳӣ, инчунин зиёд намудани ҷараёни сайёҳон баргузор мешавад, мусобиқаҳои гуштӣ, ресмонкашӣ, сангбардорӣ ва дигар бозиҳои мардумӣ, ки арзишу анъанаҳои миллии моро таҷассум мекунанд, гузаронда, паҳлавонони мо маҳорати худро намоиш доданд.

Дар чорабинӣ савту суруду бадеҳаҳои аз репертуари дастаҳои фолклорӣ ҷойгирифта иҷро карда шуданд.

Дар фарҷоми ҷашнвора аз ҷониби созмондиҳандагон ба иштирокчиён ва ғолибони озмунҳо ифтихорнома ва тӯҳфаҳои қиматбаҳо супорида шуд.

**Абдувалӣ БӮРИЕВ,**
**мухбири ӮзА.**
**Суратгир:**
**С. АСЛОНОВ (ӮзА.)**

*Фидоиёни маориф*

# УСТОДИ МАКТАБИЁНУ ҲАМДЕҲАГОН АСТ

**Бесабаб нисбати баъзе гушаҳои замин «назари Офаридгор афтодааст» намегуянд. Ин ибора нисбати маконе истифода мешавад, ки дар он ҷо фидоиёни Ватан ба воя мерасанд, фарзандоне ба камол мерасанд, ки барои мардум, баҳри ояндаи кишвар корҳои зиёдеро анҷом медиҳанд, ҳамеша аз пайи омӯхтани илму маърифат мешаванд.**



Ноҳияи Шофиркон дар мамлакатамон бо фарзандҳои фарзонаи худ ҷойи алоҳида дорад. Гарчанд ноҳия дар ҳудуди саҳрои Ҷилвон ва Қизилқум ҷойгир буда, иқлими гарми он душвориҳои зиёдеро меофарад, мардуми он бо меҳнату машаққатҳои зиёд дар соҳаи гуногуни хоҷагӣ дастовардҳои бисёреро ноил мегарданд.

Пири дуюми «Ҳафт пир» Хоҷа Ориф Ревгарӣ аз деҳаи Ревгари ин ноҳия буд. Гузашта аз ин, Иброҳим Муъминов, Иброҳим Ҳаққул, Ҷамол Камол ва дигар олимон дар ин сарзамин ба воя расидаанд, ки дар рушди илму маърифати ҷумҳурӣ ҷойи хосро сазоворанд.

Ҳоло мавзеъҳои Тезгузар, Чандир ва Деҳнав дар рейтинги ба муассисаҳои таълими олӣ дохил шудан дар миқёси республика пешқадамиро аз даст намедиҳанд. Бахусус, мактаби рақами чаҳоруми Деҳнав аз рӯйи чунин рейтинг байни мактабҳои ҷумҳурӣ аз сафи «даҳгонаи боиқтидор» ҷой гирифтааст.

Муаллими шоистаи ҷумҳурӣ Ҳанифа Назарова, дорандаи медали «Шуҳрат» Субҳон Зойиров, Муаллими халқии Ӯзбекистон Мусо Толипов ва аълочиёни маорифи мамлакат Эҳсон Раҷабов ва Турсуной Йӯлдошева аз як гиребон сар бароварда, баҳри ояндаи насли наврас кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳанд.

Сарвари ҷамоаи омӯзгорон, Аълочии маорифи халқи Ӯзбекистон Исҳоқ Толипов беш аз бист сол вазифаи дар ӯҳдадоштаашро шарафмандона иҷро кард. Ҳоло ӯ дар нафақа бошад ҳам, ҳаёташро бе мактаб тасаввур карда наметавонад, чун раиси шӯрои падару модарон ҳамеша дар мактаб буду ҳаст. Ҳамдеҳагон ӯро ҳамчун инсони басо боэътибор мешиносанд.

Гарчанд синну солаш аз ҳафтод болост, ҳамоно сазовори боварии мардум мебошад.

Чун дирӯз дар ёд дорам. Соли 1997 70-солагии мактаб ҷашн гирифта шуд. 34 нафар собиқ шогирдони мактаб, ки дар вазифаҳои масъули идораҳои давлатӣ кор мекарданд, ҷамъ шуда буданд. Онҳо ифтихори ҷамоаи омӯзгорони мактаб буданд...

Ҳоло аз байн чоряк аср гузаштааст, ки шумораи хатмкунандагони боистеъдоди мактаб низ зиёд шудаанд.

Имрӯзҳо Исҳоқака басо серкор аст. Ӯ дар миқёси ноҳия бозии интеллектуалии «Заковат»-ро ба роҳ монд. Ба қарибӣ озмуни интеллектуалии байни тарғиботчиён баргузор шуда, ҷамоаи И. Толипов ҷойи сеюмро гирифт.

Дарвоқеъ, Исҳоқ Толипов пайванди Устод Садриддин Айнӣ буда, ӯро пешвои худ медонад.

Худи ӯро бошад, на танҳо ҷамоаи мактаб, балки бошандагони маҳаллаи Деҳнав ва Маҳаллаи Боло дар роҳи зиндагонӣ устоди худ мешуморанд.

И.Толипов бо ҳамсараш чор нафар духтар ва як писарро ба воя расонданд, ки дар хидмати мардум камарбастаанд. Ӯ дар оғӯши фарзанду набераҳо баҳри омӯзондани сабақҳои зиндагӣ ҳамоно дар саф аст.

**Алимурод ТЕМИРОВ.**
*Вилояти БУХОРО.*

**Дар боғи Водии афсонаҳои ноҳияи Давлатободи шаҳри Намангон барои Ҷоми Президенти Ӯзбекистон оиди варзиши ҷанги дастӣ байни варзишгарони профессионал турнири байналхалқии «лигаи чемпионҳо» баргузор гардид. Дар турнир аз Белорусия, Олмон, Озарбойҷон, Қазоқистон ва Русия беҳтарин варзишгарони ҷанги дастӣ иштирок намуданд.**

# ТУРНИРИ БАЙНАЛХАЛҚӢ БАРОИ ҶОМИ ПРЕЗИДЕНТ

Ҷанги аввал аз рӯйи вазни 50 килограмм байни Маъсума Муъминоваи ҳамдиёрамон ва Тумарис Ҷусуповаи қазоқистонӣ оғоз ёфт ва ҷанг бо ғалабаи ҳамдиёрамон ба анҷом расид.

Дар баҳсҳо ҳамдиёрамон бо вазнҳои гуногун соҳиби чӣ гуна истеъдод буданашонро намоён карданд. Аз ҷумла, Ҳусниддин Сатторов бо Руслан Пиралиев (Озарбойҷон), Ширин Зоҳидова бо Виктория Мустаева (Русия), Олимҷон Нормуродов бо Сергей Секретовский (Белорусия), Ҷавоҳир Собитов бо Филипп Граф Билхелм (Олмон) талош варзида, ҳамаашон болодастӣ нишон доданд ва турнир бо ғалабаи ҳамдиёронамон ба анҷом расид.

– Дар вилояти Намангон барои турнири байналхалқии Ҷоми Президент ҳамаҷониба омодагӣ дида шудааст, гузарондани турнир дар ин ҷо ба ҳукми анъана даромадааст. Ба ташкилотчиёни турнир изҳори миннатдорӣ менамоем, – гуфт президенти Федератсияи ҷанги дастии Ӯзбекистон Бахтиёр Мирзоқулов.

Иштирокчиёни турнир аз тарафи ташкилотчиён бо диплом ва тӯҳфаҳои хотиравӣ сарфароз гардиданд.

**А. МУРОДОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».,**
*Вилояти НАМАНГОН.*

# СЕМИНАРИ ТАРҒИБОТӢ

**Дар мамлакатамон баҳри қатъ кардан ва пешгирӣ намудани коррупсия чораю тадбирҳои зарурӣ андешида мешаванд. Ислоҳоти солҳои охир дар низоми ҳокимиятҳои маҳаллӣ баҳри пешгирӣ кардани коррупсия хидмат мекунад.**

Бо ин мақсад корҳои зиёди профилактикӣ гузаронида мешавад. Семинари тарғиботие, ки ба қарибӣ дар маҷлисгоҳи ҳокимияти ноҳияи Ромитан бо мақсади пешгирӣ ва бартарафсозии омилҳои сарзании коррупсия бо кормандони ҳокимияти ноҳия ба амал омад, аз ҷумлаи чунин тадбирҳост. Дар он роҳбари шуъбаи назорати дохилӣ алайҳи коррупсияи дастгоҳи идораи ҳокимияти вилоят Бахтиёр Мақсудов, сардори бахши вилоятии Ассотсиатсияи миллии нодавлатию нотиҷоратии Ӯзбекистон Ҷасур Болтаев, устоди Донишкадаи технологияи муҳандисии Бухоро Фирӯз Бафоев ба сухан баромаданд.

**А. АВЕЗОВ,**
**мухбири**
**«Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

*Намояндагони тариқати Нақшбандия*

# ҲАЗРАТ ШАЙХ АҲМАДҶОН МАХДУМ ҲАНАФӢ-ЗАРХОНАГӢ

Ҷараёни Нақшбандия яке аз машҳуртарин равияҳои тасаввуф аст, ки дар асри XIV пайдо шудааст. Асосгузори ин ҷараён Баҳоуддин Муҳаммад ибни Муҳаммади Бухорӣ буд, ки бо падари худ ба рӯйи матоъ ва фузулот нақш мебаст. Аз ин рӯ, ин ҷараёни мазҳабӣ бо ин ном зиёда аз 600 сол аст, ки машҳури дунё шудааст.

Яке аз давомдиҳандагони ин равияи силсиладор дар асри XX Ҳазрат Ҳоҷӣ Аҳмадҷон Махдуми Ҳанафӣ — Нақшбандӣ Зархонагӣ мебошад.

Мо бо камоли эҳтиром номи ин олими бузургро ба забон мегирем ва бо фахру ғурур гуфта метавонем, ки яке аз пайравони тариқати Нақшбандия олими беназир ва Шайхи асри XX Ҳазрат Ҳоҷӣ Аҳмадҷон Махдуми Ҳанафӣ Нақшбандӣ (раҳматуллоҳи алайҳ) мебошад. Ному насаби пурраи он шахси соҳибэҳтиром Аҳмадҷон Махдум ибни Домулло Шоҳмурод ибни Домулло Розиқ ибни Муҳаммад Сиддиқ ибни Домулло Ашур мебошанд. Ин зоти шариф дар таърихи 1939 дар деҳаи хушманзараи кӯҳистони Зархонаи ноҳияи Сариосиёи вилояти Сурхондарё таваллуд ёфта ба камол расидааст.

Муаллифи китоби «Буюк термизийлар» Мирзо Кенҷабек дар васфи ин шахсияти бузург овардааст: «Ба ин зоти бузург аз хулқи мубораки Ҳазрат Расуллуллоҳ салаллоҳу алайҳи ва саллам насиба дода шудааст, аз бӯйи муборакашон хушбӯй гардонида бо дардашон дардошно буда муршиди асил ва комил, дар боби фиқҳ, тақво ва амал ноёб буд. Қалбаш пур аз ишқи илоҳӣ, чашмонаш пурнам, суханонаш пурҳикмат, намунаи ибрат, ҳалим ва салим буд. Назар ба кори дунё, ба кори охират моҳир буд».

Ман бо камоли эҳтиром ва фахр гуфта метавонам, ки мо бо ин олими бузург «ҳамсоябоғ» будем, дасти муборакашро чандин бор гирифтаам ва ҳамсуҳбат шудаам. Дар васфаш гуфта метавонам, ки: «Яке аз шахсиятҳои бузурги асри XX, соҳиби илми раббонӣ, чеҳраи зебои нуронӣ, қади баланд, саллаи на он қадар калони сафеду сиёҳи ба сар ва қаду қомат зебанда, риши мошу биринҷи дароз, қаду қомати баланд, рухсораҳои доим сурхи ҷаззоб, чашмони пурмеҳр, дастони пурсаховат, дили пурсабр, соҳиби илми бепоён, дар боби адаб ва муомила беназир, гӯё як офтоби пинҳон буд, ки аз суҳбаташ ҳеҷ сер намешудед».

Маълум мешавад, ки алломаҳои бузурги Осиёи Марказӣ ба Аҳмадҷон Махдум устодӣ кардаанд. Дар китоби «Тазкират-ул-авлиё»-и Фаридаддин Аттор баъзе зотҳои бузург бо кӣ вохӯрдаанд ва ҳамсуҳбат шудаанд, ҳамчун сабаб ва омили бузургӣ нишон дода шудааст. Ин маънои онро дорад, ки дар илми тасаввуф ба олимон ва шайхон дараҷаи бузургӣ ба кадом зотҳои бузург ва азиз вохӯрдаанд ва ҳамсуҳбат шудаанд ва ё аз онҳо таълим гирифтаанд, нигоҳ карда баҳо ва дараҷа медоданд. Аҳмадҷон Махдум аз бисёр олимон ва донишмандони Осиёи Марказӣ илм омӯхтааст ва ба бисёр олимон ва донишмандон устодӣ низ кардааст.

Таълими ибтидоии сарфу наҳв ва фиқҳро аз падари бузургвораш Домулло Шоҳмурод гирифтааст. Дар маълумотҳо оварда шудааст, ки падараш Домулло Шоҳмурод яке аз таҳсилкардаҳои мадрасаи Бухорои Шариф буда муршид, тақводор, парҳезкор ва олими барҷаста буд.

Дар байни мардуми Зархона нақл ҳаст: Нафаре аз мардуми Зархона ба Бухорои Шариф ба мақсади таҳсили илм меравад. Дар вақти таҳсил ба устодон шинос мешавад ва устодон мефаҳманд, ки шогирди нав аз деҳаи Домулло Шоҳмурод аст. Дар ҷараёни суҳбат устодони Бухороӣ мегӯянд: «Илми Бухороро Домулло Шоҳмурод бо аспу шутур бор карда бурд». Ин маънои онро дорад, ки мо дар байни шогирдон мисли Домулло Шоҳмурод дигар соҳибилм надидаем.

Ҳазрат Махдум дар «Тарҷумаи ҳол» қайд мекунад: «Падари бузургворам маро аз хурдӣ дар сарам салла монда ба намози ҷамоат мебурданд, аз кӯдакӣ ба ман бо қалб зикр карданро меомӯзониданд ва аз ҳар кас дар ҳаққи ман дуои хайр мегирифтанд».

Падараш ба шиори тариқати Нақшбандия «Дил ба ёру даст ба кор» пайравӣ намуда, бо касби деҳқонӣ ва боғдорӣ машғул шуда, боғҳо бунёд кардааст. Ин касб ба фарзандашон Аҳмадҷон Махдум ва ба фарзандони ин зоти шариф низ мерос гузоштааст.

Дар боби илм омӯхтан ва ё омӯзонидан ёки бо касбу ҳунари ҳалол меҳнат кардан ҳолатҳое мешавад, ки писар аз падар шараф меёбад ва ё падар аз писар шараф меёбад. Шогирд аз устод ва ё устод аз шогирд шараф меёбад. Бузургии Аҳмадҷон Махдум дар ин аст, ки ҳам аз падар шараф ёфтааст ва ҳам ба писарон шараф гузошта. Ҳам аз устодон шараф ёфта ва ҳам ба шогирдон шараф гузошта.

Аз Шайх Аҳмадҷон Махдум китоби пурқимате бо номи «Рисолаи суҷуди саҳв» мерос мондааст, ки дар тамоми мамлакат ва берун аз он муштариёни зиёде дорад.

Аҳмадҷон Махдум Хоҷа Алоуддин Атторро (домоди Хоҷа Баҳоуддин Нақшбанд, зиёратгоҳашон дар ноҳияи Деҳнав) пири рӯҳии худ медонист. Ҳазрат гуфтааст: «Дар ҷавонӣ ба дарди хастаи дил гирифтор шудам. Дар ҳеч ҷой даво наёфтам. Ба зиёрати қабри Хоҷа Алоуддин Аттор рафтам ва дар сари қабри ин шахсияти бузург ба Аллоҳ дуо ва илтиҷо карда ба дарди дилам шифо хостам. Дуоям ба охир нарасида, хастагӣ аз дилам берун рафт».

Шайх Аҳмадҷон Махдум ба олими барҷаста, шайхи замон Ҳазрат Шайх Аҳмад Зулфиқори Покистонӣ соли 1993 дар ҷашни 675 солагии таваллуди Баҳоуддини Нақшбанд дар Бухорои Шариф ҳамсуҳбат шудаанд. Ҳазрат Шайх Аҳмади Покистонӣ дар давоми суҳбат гуфтааст: «Эй мардум, огоҳ бошед, мо ба диёри шумо барои обрӯ ва молу давлат наомадаем. Балки ишорат ва амонати Ҳазрат Расули Акрам саллаллоҳу алайҳи ва салламро бо ин зоти бобаракот супоридани омадем». Дастони Аҳмадҷон Махдумро гирифта, тавба кунонида тариқатро шарҳ додааст. Ва саллаи муборакашро ба сари он кас гузошта силсилаи шарифро ба дасташ супорид, дар он силсила дар рақами 41 номи муборакаи Шайх Аҳмадҷон Махдуми Нақшбандӣ сабт шуда буд.

Баъд аз ин ин ду шайхи бузурги замон соли 1996 дар Мадинаи Мунаввара дар масҷиди Ҳазрат Набӣ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) вомехӯранд ва охирин дидорбинии онҳо соли 1998 дар шаҳри Бухорои Шариф ба вуқӯъ мепайвандад.

Ҳазрат Шайх Аҳмадҷон Махдум 3 августи соли 1999 дар шаҳри Тошканд дар синни муборакаи 60 вафот мекунад. Зиёратгоҳаш дар деҳаи хушманзараи Зархона, дар паҳлуи қабри падараш Домулло Шоҳмурод ҷойгир шуда, солҳои зиёд аст, ки зиёратгоҳи мардуми маърифатпарвар буда, аз тамоми гӯшаю канори мамлакат ва мамлакатҳои хориҷӣ омаду рафт мекунанд.

*Мардони Худо Худо набошанд,*
*Лекин зи Худо ҷудо набошанд.*

Ман боварии комил дорам, ки дар оянда ҳаёт, фаъолият ва корҳои илмию эҷодии ин шахсият омӯхта хоҳанд шуд.

**А. САМИЕВ,**
**мудири кафедраи педагогикаи Донишкадаи педагогии Тирмиз, доктори илмҳои фалсафа оид ба педагогика.**

## ХАБАРҲО

### ДАР МАҲАЛЛИ ОФАТЗАДА ХОНА МЕСОЗАНД

**Моҳи апрели соли ҷорӣ дар маҳаллаи «Эгизбулоқ»-и ноҳияи Фориш борони пуршиддат борида, туфайли якбора ҷорӣ шудани оби якчанд сой мардум талафоти калон дид.**

Аз гӯшаву канори ҷумҳурӣ ба ин ҷо мунтазам кӯмаки башардӯстона мерасад. Аз ҷумла, фирмаи «OMAD STAR» аз шаҳри Тошканд се мошин масолеҳи бинокорӣ фиристод. Барои минбаъд ҳангоми обхезӣ осеб надидани аҳолӣ аз маркази маҳалла ба масофаи чор километр канал кофта, ба истифода супориданд.

Барои оилаҳое, ки аз асари офат бехона монда буданд, хонаҳои нав сохта мешаванд.

### МАРКАЗИ КАСБУ ҲУНАРОМӮЗӢ ТАЪСИС ЁФТ

**Мувофиқи Қарори Девони Вазирон «Дар бораи чораву тадбирҳои созмон додани маркази тайёр намудани хонандагон-ҷавонон ба касбҳои оянда дар асоси низоми Вазорати таълими халқ» ва бо таклифи Вазорати таълими халқ, бандкунӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳокимияти вилоят дар назди муассисаи таълими ҳамагонии рақами 60-уми ноҳияи Зомин Маркази касбу ҳунаромӯзӣ таъсис ёфт.**

Дар ин Марказ ҳамаи ходимон 30 нафаранд. Машғулотҳо баъди оғоз ёфтани соли нави хониш, баъд аз дарс, ҷараён мегиранд. Дар ин ҷо ҷавонон метавонанд аз вижагиҳои касбу ҳунари замонавӣ бархурдор гарданд, ҳангоми фаъолияти корӣ онро корбаст намоянд.

### БО ШУҒЛ ФАРО ГИРИФТА МЕШАВАНД

**Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «DONA TEXTILE MODA» дар маҳаллаи «Ӯзбекистон»-и ноҳияи Фориш фаъолият мекунад. Ин аз зумраи корхонаҳоест, ки бонувонро бо шуғл фаро гирифтааст.**

Дар ин ҷо на танҳо аз маркази ноҳия-шаҳраки Боғдон, балки аз маҳаллаҳои гирду атроф омада кор мекунанд. Барои омаду рафти онҳо автобус ҷудо карда шудааст. Коргарони корхона як маҳал бо хӯроки гарм таъмин мешаванд.

Ба қарибӣ бо ҷараёни кори ин корхонаи хурди саноатӣ, ки барои дӯхтани ҳаргуна сарулибоси махсус ва тайёр кардани матои пахтагин ихтисос ёфтааст, роҳбарони масъули ноҳия аз наздик шинос шуданд. Барои беҳтар намудани шароити кории коргарон маслиҳатҳо доданд, пешниҳодҳо ироа намуданд.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ҶИЗЗАХ.*




Олами садранг

## Одами калонтарин

Дар ҳоли ҳозир унвони баландтарин марди ҷаҳон ба Султон Кесен, ки дар Туркия зиндагӣ мекунад, тааллуқ дорад. Тибқи Китоби рекордҳои Гиннес, қади ӯ 251 сантиметр аст. Бо вуҷуди ин, чунин параметрҳо аз варамҳои гипофиз гирифта мешаванд. Волидайни ӯ қади комилан муқаррарӣ доранд. Мутаассифона, ӯ ҳоло танҳо бо асобағал роҳ гашта метавонад. Аз соли 2010 инҷониб вай бо табобати радиатсионии гормонҳо машғул буд ва пас аз ду сол табибон тавонистанд афзоиши ӯро боздоранд.

## Гули калонтарин

Гули калонтарин дар ҷаҳон раффлезия мебошад. Он танҳо дар Осиёи Хурд мерӯяд. Вазни ин гул 5-9 кг буда, диаметраш 16 см аст.

Соли 1818 табиатшинос Ҷозеф Арнолд дар ҷазираи Суматра бо раффлезия дучор омад ва ҳарчанд ҳавои ҷангали тропикӣ сахт бошад ҳам, ин гулро тарк карда натавонист. Арнолд аз ҳар тараф бодиққат ба гул нигоҳ мекард. Вай ҷиҳатҳои гуногуни атрофи гулро аз нуқтаи назари ботаникӣ муфассал тавсиф намуд. Ҳавои вазнини сернам дар ҷангал ба саломатии Арнолд таъсири манфӣ мерасонад. Табиатшинос кори худро ба охир расонда натавониста, пас аз ду ҳафта вафот кард. Пас аз марги Арнолд ин гул ба номи ӯ гузошта шуд.

Таҳияи **Далер АЗИЗОВ.**

## ҶАМЪИЯТИ ТОҶИКИСТОН БА 10 МИЛЛИОН РАСИД



*Сомонаи dushanbe.tj хабар медиҳад, ки аҳолии Тоҷикистон ба 10 миллион нафар расид. Ин тифл 23 июли соли 2022 соати 12:27 дақиқа дар таваллудхонаи №2-и шаҳри Душанбе дар хонаводаи оилаи ҷавон Фаридун Баротов ва Махфират Шокирова ба дунё омадааст. Оилаи ҷавон нахустфарзандро Фирдавс ном гузоштанд. Пас аз рухсат шудан аз таваллудхона ба хонаи сеҳуҷрагии истиқоматии нав кучиданд, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҳадя намудааст.*

## ХОБИ ШИРИН

*(Эссе)*

Намедонам дар ними шаб, ё дар дамидани субҳ, дар ёдам нест, ки пурратар нақл кунам, хобе дидам, ки маро маҷбуран ҳамватанонам раиси ҷумҳур интихоб кардаанд. Худам дар ҳайрат мондам. Ба назарам он қадар хирадманду оқил, сиёсатмадору дурандеш, боҳашамату сухандон нестам. Дар аввал ба ҳамватанонам гуфтам, ки, «бародарон, ман аз ӯҳдаи ин вазифаи маъсулиятнок баромада наметавонам, зеро иродаи матин надорам. Дуюм, ин ки ман ба хушомадгӯён, тамҷиду тамаллуқгарон истодагарӣ карданро наметавонам ва аз таърифу тавсифи онҳо мисли мум нарм мешавам ва ҳушёриро аз даст медиҳам. Сеюм ин, ки ман духтарону писарон, набераю абера, қудо, ёру рафиқу ҳамдеҳаҳои бисёре дорам, ки онҳо метавонанд пули давлату мардумро ба яғмо баранд ва дигар камбудиҳои майдачуйда дорам. Не, гуфтанд ҳамватанон. Шуморо, хоҳед-нахоҳед, раисҷумҳур интихоб мекунем, зеро шумо аз обу оташ гузаштагӣ, одами дидагию хондагӣ, ботаҷриба, пули давлатро ҳифз ва сарфакорӣ карда метавонед, нафақахӯрон ва омӯзгоронро эҳтиром карда метавонед ва ғайра.

Ман аз тарси раисҷумҳур интихоб шуданам, аз хоб як қад паридаму дар паҳлӯи занам ларзон рост шиштам.

– Ба ту чӣ шуд, – бо хавотир пурсид занам.

– Дар хоб дидам, ки шумо маликаи аввали мамлакат шудаед.

– Наход! – гуфт занам. – Набошад сахттар хоб равед, – болишти маро дурусттар карда, идома дод, – шояд хобатон амалӣ шавад.

**Ҳақназар ҚУРБОНМАМАДОВ,**
*ш.ТОШКАНД.*

Аҷаб диёре

# САНГГАРДАКИ МӮЪҶИЗАВӢ

Ҳар як гӯшаи Ватани азизамон зебо аст, вале шаршараи Сангардак, ки дар кӯҳсори ноҳияи Сариосиё ҷой дорад, беҳамтост. Санггардак калимаи тоҷикӣ буда, аз калимаҳои санг ва гардак, яъне гаштан иборат мебошад. Вай дар деҳаи Хоҷаи Хубон аст. Ин мавзеи хушманзар, ки дар қаторкӯҳҳои Ҳисор ҷойгир аст, аз қадимулайём диққати мардумро ба худ ҷалб намудааст. Мардум аз гӯшаву канори Ватан омада, ин ҷойҳоро зиёрат мекунанд, оби софу зулол ва яхмонанди онро нӯши ҷон намуда, дам мегиранд.

Номи дигари Санггардак – Шаршарамазор аст. Вай аз маркази ноҳияи Сариосиё дар масофаи 52 километр дуртар ҷойгир мебошад. Роҳи тахту ҳамворро, ки аз як тарафаш бо шӯру фиғон дарёи шӯх ҷорӣ асту дар тарафи дигараш кӯҳҳои сарбафалаккашида қад рост кардаанд, тай намуда, чашматон ба навиштаҷоте вомехӯрад, ки бо ҳарфҳои калон «Санггардак» навишта шудааст. Роҳро хеле давом диҳед, ба дараи Хондиза меравед. Аммо ин роҳи чун кафи даст тахту ҳамвори тарафи чап пас аз андаке шуморо ба Шаршарамазор мерасонад. Пас аз тай намудани ин роҳ бо мӯъҷизае рӯ ба рӯ мегардед. Дар баландӣ синаи камарро шикофта оби зиёде берун меояд ва ба поён ба шаршара табдил ёфта мерезад. Бо дидани ин манзара худро дар олами афсонаҳо эҳсос мекунед.

Солҳои пешин шаршараро аз поён истода тамошо мекарданд. Дар солҳои наздик роҳравҳои оҳанин сохта шуд, ки шуморо то боло мебарад.

Мисли он, ки борони сахт борида истода бошад, об бо суръати баланд ба поён мерезад, бо шамолаш обрезаҳо ба рӯю мӯи шумо расида, як ҳаловати аҷибе мебахшад.

Ин оби мӯъҷизавии ба шаршара табдилёфта ба воситаи ҷӯйбор не, балки аз дили кӯҳ чун фаввора зада мебарояд. Шаршарае, ки дар баландии аз сатҳи баҳр 2000 метр ва аз замин 120 метр ҷорӣ мешавад, як эҳсони табиат барои мо мебошад.

Бо мақсади ба манзили дамгирӣ ва табобати мардум табдил додани Санггардак дар мавзеи сояву салқини деҳаи Хоҷаи Хубон санатория сохта шудааст.

Табиати ин мавзеъ хеле дилкашу назаррабост. Дар ин ҷо флора ва фаунаи гуногунро дучор меоем. Аз қаторкӯҳҳои Ҳисор дарёҳои Тӯпаланг (Ниҳонруд), Оби Заранг, Оби Харкуш ва Оби Сиёҳ ҷорӣ гардида, дар деҳаи Сурхонбошӣ – начандон дуртар аз деҳаи Меҳнати ноҳияи Узун ба дарёи аз замини Тоҷикистон ҷории Қаратоғ ҳамроҳ мешавад ва номи Сурхонро мегирад.

Санггардак дорои табиати рангоранг буда, олами наботот ва ҳайвоноти бой дорад. Оҳуи кӯҳӣ бо номи ҷайрон, гургу шағол, харгӯшу рӯбоҳ, паланг, хирси хокистарранг, инчунин паррандагони ноёб зиндагӣ мекунанд. Дарахтони арча, писта, чормағз, бодом, себу нок, ҳулӯл, қараҷот ва ғайра месабзанд.

Симои деҳаҳои атрофи шаршараи Санггардак рӯз то рӯз зебою дилрабо мегардад. Роҳҳои тахту ҳамвор, биноҳои нави замонавӣ ба ҳусни деҳаҳо ҳусни нав мебахшанд. Дар ин деҳаҳо асосан тоҷикон зиндагонӣ мекунанд. Инсонҳои нек барои ободии диёри хеш мекӯшанд. Дар деҳаҳо ғайр аз истироҳатгоҳу санатория мардум меҳмонхонаҳо сохтаанд.

Инчунин, сохтмони санаторияи нав давом дорад. Вай бояд ҳафтқабата сохта шавад. Дар санатория табобат намудани бемориҳои аллергӣ, этиология, системаи асаб, роҳҳои нафас дар назар дошта мешавад.

Дар вақтҳои охир барои тамошои шаршараи Санггардак, аз ҳавои тозаи он нафас кашидан ва дам гирифтан зери дарахтони сояву салқинаш баробари сокинони ватанамон аз хориҷ сайёҳон меоянд. Афзун намудани салоҳияти сайёҳии шаршара, мардуми зиёдеро ҷалб намудан муҳимтарин масъала ба шумор меравад.

Деҳаҳои кӯҳии Хондиза, Хаҷаасмин, Чош, Пушти Варақ, Карсаку Ӯрах ва ғайраҳо ҳар яке як олами кашфнашудаанд. Агар роҳҳои ин деҳаҳо ободтар гардида, дар ин масканҳои мӯъҷизавӣ истироҳатгоҳҳо ташкил мегардиду салоҳияти сайёҳӣ баланд бардошта мешуд, нуран аъло нур мебуд!

**Ӯғулой ҶӮРАБОЕВА,**
*ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё.*



# ФОЛНОМАИ ҲОФИЗ

*Эй Ҳофизи Шерозӣ,*
*Ту кошифи ҳар розӣ.*



Ҳар касе мехоҳад бар сеҳри ғазалиёти Ҳофиз фол бизанад, ибтидо ба рӯҳи Хоҷа Ҳофизи Шерозӣ фотиҳа хонда, сипас ният карда, бо чашмони баста ангушти ишорат ба ғазале аз ӯ мениҳад ва бинобар он розҷӯӣ мекунад. Ҳоло мо ангушти ишорат ба рӯйи ғазали «Наргиси мастона» ниҳодем ва фолномаи Ҳофизро ҳамроҳ бо шарҳаш дар «Саҳифаи рӯзи истироҳат» манзури хонандагони азизи «Овози тоҷик» менамоем.

## НАРГИСИ МАСТОНА

*Маталаб тоату паймону салоҳ аз мани маст,*
*Ки ба паймонакашӣ шӯҳра шудам рӯзи аласт.*
*Ман ҳамон дам, ки вузӯ сохтам аз чашмаи ишқ,*
*Чор такбир задам яксара бар ҳар чӣ, ки ҳаст.*
*Май бидеҳ то диҳамат огаҳӣ аз сирри қазо,*
*Ки ба рӯйи кӣ шудам ошиқу аз бӯйи кӣ маст?*
*Камари кӯҳ кам аст аз камари мӯр ин ҷо,*
*Ноумед аз дари раҳмат машав, эй бодапараст!*
*Ба ҷуз он наргиси мастона, ки чашмаш марасад,*
*Зери ин торуми фирӯза касе хуш нанишаст.*
*Ҷон фидои даҳанат бод, ки дар боғи назар*
*Чаманорои ҷаҳон хуштар аз ин ғунча набаст.*
*Ҳофиз аз давлати ишқи ту Сулаймоне шуд,*
*Яъне аз васли туаш нест ба ҷуз бод ба даст.*

Аз касе, ки салоҳу маслиҳати худашро ҳам намедонад, умеди насиҳати саҳеҳ ва корсоз надошта бош! Касеро аз асрори худовандӣ огоҳӣ нест, бинобар ин ҳаргиз набояд ноумед шуд ва дил аз раҳмати парвардигор бурид! Аз сахтиҳо ноумед машав!

Таснифи **Парвизи ИЗЗАТУЛЛО.**

## ШИНОВАРӢ – ЯКЕ АЗ МАШҚҲОИ СОЛИМГАРДОНӢ

Яке аз талаботи тарзи ҳаёти солим мустаҳкам кардани ҷисм бо шиноварӣ мебошад. Ҳангоми шиноварӣ қариб ҳамаи мушакҳои инсон ба ҳаракат медароянд. Дар ин раванд ҳар як мушак бори заруриро ба дӯши худ мегирад. Барои ҳамин ҳам мушакҳои шиноварон мустаҳкаманд.

Бино ба натиҷагириҳо мутахассисони Маркази ташаккули тарзи ҳаёти солим ва фаъолияти ҷисмонӣ мушакҳои шиноварон қавӣ мебошад.

Шиноварӣ беҳтарин роҳи пешгирии бемориҳои сутунмӯҳра ва узвҳои инсон аст. Дар вақти машғулот мушакҳои хурди атрофи сутунмӯҳра ором гирифта сутунмӯҳраро фишор намедиҳанд. Дар натиҷа қомати инсон дуруст ташаккул меёбад. Хусусан, варзиш барои фаъолияти системаи дилу раг ва нигоҳдории ҳолати он муҳим аст. Барои хуб шино кардан нафаскашии амиқ ва дуруст муҳим аст. Дар натиҷа, мушакҳои нафаскашӣ фаъол шуда, кори шуш беҳтар ва қафаси сина васеъ мешавад.

Ин машқро «беҳтарин гимнастикаи шуш» номидан мумкин аст.

Мутобиқати ҳарорати бадан бо ҳарорати об организмро обутоб медиҳад, иммунитетро баланд мебардорад, бемориҳоро пешгирӣ менамояд.

Шиноварӣ як машқи энергияталаб аст, ки роҳи самаранoктарини нигоҳ доштани вазни муқаррарии бадан мебошад.

Таҳияи
**Н. ҲАМРОҚУЛОВА.**

## ФИЛМ ДАР БОРАИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Дар Бухоро банаворгирии филми ҳуҷҷатии «Ибни Сино. Дар байни Шарқу Ғарб», ки ба падари илми тиб Абӯалӣ ибни Сино бахшида шудааст, оғоз ёфт.

Ин кинолоиҳа мувофиқи дархости Агентии кинематографияи Ӯзбекистон, Ширкати «V& Co LLC»-и ИМА ва ассотсиатсияи «Associazione Circles Squarid»-и Италия ба навор гирифта мешавад.

Ҷараёни банаворгирии филм дар Италия рӯи кор омада, ҳоло он дар Бухоро идома меёбад.

Бояд таъкид кард, ки дар китобхонаи Донишгоҳи Болонияи Италия дастнависи тарҷумаи пурраи китоби «Қонуни тиб»-и Абӯалӣ ибни Сино ба забони ибронӣ мавҷуд аст. Ин дастхат ба нимаи дуюми асри XV дахл дорад. Ин асари Шайхурраис дар муассисаҳои таълими тиббӣ, аз ҷумла дар донишгоҳҳои Аврупо ҳамчун дастурамали асосии таълимӣ истифода мешавад.

**А. АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## МАРКАЗИ ҲУНАРМАНДОНИ БУХОРО

***Дар мадрасаи «Модарихон»-и Бухоро маркази ҳунармандон кушода шуд. Дар маросими кушодашавии он намояндагони ҳокимияти вилоят ва шаҳри Бухоро, роҳбарони секторҳо, ҳунармандон, сайёҳон ва ҷавонон иштирок карданд.***

Бо ташаббуси Раёсати шуғли вилояти Бухоро ва прокуратураи шаҳр ба мақсади пурсамар истифода бурдан аз объекти мазкур, ки то ҳол холӣ меистод, мувофиқи қарори Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Дар бораи чорабиниҳои такмил додани тартиби ба иҷора додани мулки давлатӣ» мадраса ба мономаркази «Ба кор марҳамат»-и шаҳри Бухоро дода шуд.

Мадрасае, ки замоне маркази илму маърифат буд, баъди корҳои тармим ба маркази ҳунармандӣ табдил ёфт.

Пас аз ин, дар ин ҷо дар асоси шартномаи 20 нафар ҳунармандон бо мономарказ имконияти омӯзиши ҳунарҳои мисгарӣ, кандакорӣ, кашидадӯзӣ, зардӯзӣ ва санъати миниатюра имкониятҳо фароҳам оварда мешавад.

Ҳокими вилояти Бухоро Ботир Зарипов дар баромади худ таъкид кард, ки марказ баробари бо роҳи касбомӯзӣ таъмин намудани шуғл ва зиёд кардани даромади аҳолӣ бахри баланд бардоштани салоҳияти сайёҳии вилоят низ хидмат мекунад.

Дар аввали асри XX дар Бухоро беш аз 250 мадраса мавҷуд буд. Яке аз инҳо мадрасаи «Модарихон» буд, ки солҳои 1566-1567 аз тарафи Абдуллохон ба шарафи модараш сохта шудааст. Мадрасае, ки анъанаҳои сабки меъмории асри XVI дар он инъикос ёфтааст, дар рӯ ба рӯи мадрасаи Абдуллохон ҷойгузин мебошад. Ҳар ду маҷмӯи мадрасаи муштаракро ташкил медиҳанд. Мадраса аз пештоқ, миёнсарой, дарсхона, масҷид ва ҳавлие, ки дар атрофи он ҳуҷраҳои дуқабатаи айвоннок сохта шудааст, иборат мебошад.

Мадрасаи «Модарихон» соли 1960 ба ҳифзи давлат гирифта шуд ва баъд ба хати саёҳати сайёҳон дохил гардид. Солҳои истиқлол мадраса пурра тармим гардида, ба ҳусни Бухорои куҳан афзуд. Маросими кушодашавии марказ ба ҷашн табдил ёфт.

Ҷамъомадагон бо фаъолияти марказ аз наздик шинос шуданд.

**Зариф КОМИЛОВ,**
**мухбири ӮзА.**

## БЕМОРБИНӢ

*(Ҳикояи хурд)*

Боре фарроши идора Сафияойтӣ бемор шуда, ба кор наомад. Бонувон хостанд барои беморбинӣ ба хонааш раванд. Аз ин мақсади занону духтарон мухбири рӯзнома Комил Ҷӯразода хабардор шуда гуфт:

– Ман ҳам ҳамроҳатон меравам!

– Ие, чӣ хел мешавад? – ҳайрон шуда пурсид Дилафрӯзи ҳамкорамон. – Байни занҳо барои як худатон ноқулай нест?

– Не, Сафияойтӣ бемор шудааанду ман наравам, виҷдонам азоб медиҳад. Илтимос, ман ҳам равам. Аз боғамон меваҳои тару тоза меорам.

Сафияойтӣ аз ташрифи меҳмонҳо хурсанд шуд. Маълум гардид, ки Комилака бо Сафияойтӣ ҳатто хеш будаанд.

Пас аз чанд муддат ҳуруфчини идора Лола Раҳимова бемор шуд. Ҳамкорон ба воситаи телефон аҳволпурсӣ карданд. Бонувон боз маслиҳат карда, рӯзи беморбиниро аниқ карданд.

– Лола, мо шуморо касалбинӣ рафтанӣ, – нохост ҳангоми гуфтугӯи телефонӣ Сафияойтии содда сирро фош кард...

Лолаойтӣ ба ман занг зада гуфт:

– Дилрабо, аз дидоратон хурсанд мешавам, шумоёнро пазмон шудаам. Фақат илтимос, мардҳо наоянд. Чунки шавҳарам бадрашк.

– Кай ба касалбинӣ мераветон? – мепурсид ҳар рӯз Комил Ҷӯразода. – Агар бе ман равед аз шумоён меранҷам. Бо Лола мо хоҳару додар. Аз солҳои аввали таъсиси рӯзнома ҳамроҳ кор кардаем.

Бонувон бисёр фикр карданд. Агар ба беморбинӣ аз Комилака пинҳонӣ раванд, Комилака меранҷад, агар Комилакаро ҳамроҳ баранд, дар оилаи Лолаойтӣ ҷанҷол мешавад. Чӣ бояд кард?

– Ба касалбинӣ намеравем! – гуфтам ин дафъа ба пурсиши Комил Ҷӯразода. – Агар Лолаойтӣ ба кор оянд, касалбиниро дар ҳамин ҷо ташкил мекунем!

– Чаро ба хонаашон намеравем? – пурсид Комилака.

– Комилака, ба хонаашон равем, мо дастовез тайёр мекунем, пул сарф мешавад, – фаҳмондам. – Лолаойтӣ ҳам меҳмонназвозӣ мекунанд. Харочот мешавад. Агар дар ошхонаи идора ташкил намоем, ҳар кас аз ҳисоби худаш хӯрок мехӯрад. Фақат маросимро аз рӯйи сенарияи махсус хотирмон мегузаронем. Кайфияти Лолаойтиро мебардорем.

Ин фикр ба Комилака маъқул афтод. Ӯ сиҳат шуда ба кор баромадани Лолаойтиро бесаброна интизор мешуд.

Он рӯз ҳам фаро расид. Ҳамкорон аз дари даромади идора Лолаойтиро бо хурсандӣ пешвоз гирифтанд. Вақти пешин ҳамаро ба маросими «касалбинӣ» таклиф намуданд. Дар атрофи миз ҳамкорон ҷамъ омаданд. Маросими «касалбинӣ»-ро Комил Ҷӯразода кушода, сухани аввалинро ба сармуҳаррири рӯзнома дод. Ҳар кас бо навбат сухан карда, ба Лолаойтӣ сиҳатии комил мехост ва дуо мекард, ки дигар бемор нашавад. Комилака бо латифаҳо ба давра хурсандӣ мебахшид. Ҳангоми даст ба дуо бардоштан низ Лолаойтиро дуо карданд.

– Дилрабо, раҳмат ба шумо! – дар охир хитоб кард ходим Ҷамшед Обидов. – Бо ташаббуси шумо дар ҳаётам бори аввал дар маросими «касалбинӣ» иштирок мекунам. Акнун донистам, ки ҳамин хел маросим ҳам будааст.

**Дилрабо НАСИМӢ,**
*вилояти САМАРҚАНД.*

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон тахти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
ISSN 2010-7757
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-725. Адади нашр 4716 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6

Суратҳисоби мо дар бонк:
С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.
Муҳаррири навбатдор:
С. Бекназарова.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 04.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кӯчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.